# РӮБОҲИ МАККОР ВА ГУРГИ НОДОН

Р-82





703
Р-82

**Рӯбоҳи маккор ва гурги нодон.** Душанбе. “Маориф ва фарҳанг”, 2013, 8 саҳ.

Китобхонаи давлатии бачагонаи
Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи
М. Миршакар
1914

# РӮБОҲИ МАККОР ВА ГУРГИ НОДОН

Буд-набуд, як рӯбоҳ буд. Вай чанд вақт боз роҳи як боғи сермеваро ёфта буд. Ҳар шаб рафта, аз ангури ширину болаззат шикамашро пур мекарду баъд аз он, ки шикамаш серу ғамаш дур мешуд, дар рӯйи сабзаи мулоим хоб карда, пағоҳии барвақт хеста баромада мерафт.



Соҳиби боғ омада медид, ки сарҳои ангур кандагӣ, чала-чулпа хӯрда ба чор тараф партофтагӣ, гулу сабзаҳо помол кардагӣ. Вай чанд рӯз ин аҳволро дида, қасд кард, ки дузди беномусро дастгир карда, ҷазо диҳад.

Бо ҳамин мақсад як қапқон оварда, ба он як думбаи гӯсфандро маҳкам карда, дар сари марза монда рафт.



Шаб шуду рӯбоҳ омада, дар сари роҳи худ думбаи гӯсфандро дид. Ҳамон замон фаҳмид, ки дар қафои он дом аст. Аммо думбаи пӯсткандаи мулоимро дида, иштиҳояш карнай шуд, даҳонаш об кушод, шикамаш ба танбӯр навохтан сар кард. Фикр кард, ки рафта аз думба каме хӯрда, нафсашро ором кунад, боз худ ба худ «фирефтаи нафс нашав, ки гирифтори дом мешавӣ» гуфта, аз нияташ гашту чашм ба ангур дӯхт.

Вале дилаш дигар ангур наметалабид, ангур ба назараш туршу бемаза менамуд. Рӯбоҳ боз ба думба нигоҳ карда, оби даҳонашро фурӯ бурда, лабонашро лесидан

гирифт. Қариб нафс ғалаба карда, ӯро ба дом тела дода буд, ки вай худдорӣ карда, аз боғ баромада рафт. Мерафту думбаи болаззат аз пеши чашмаш дур намешуд.

«Чӣ илоҷ кунам, ки дандонакони аз меваи турш кунд шудаам ба думбаяки мулоим расида, роҳат кунанд, чӣ илоҷ кунам, ки рӯдаҳои хушкшудаам аз равғанаки карт нарму мулоим шаванд» - мегуфт рӯбоҳ роҳравон оҳи ба дард кашида.



Дар ҳамин хаёл рафта истода буд, ки аз пешаш ногаҳон як гург баромада монд. Гург пеши рӯбоҳро гирифта гуфт:

– Эй рӯбоҳи маккор, кайҳо боз дар орзуи дидори ту будам, шукр ки ба пойи худат омада мондӣ! Пеш аз марг дуо хон, ки Худо гуноҳҳои бешуморатро бахшад!

Ман ҳам дидори шумо, паҳлавони номдорро орзу мекардам, – гуфт рӯбоҳ

табассум карда, – вале на бо ин хел нияти бад.

Ман мехостам шуморо ба боғи худ ба меҳмонӣ таклиф кунам. Он боги одӣ не, бӯстони диловез, як сӯ себу ангур, як сӯ ноку анҷир пухта хобидааст. Як сӯйи дигар оби равону гулҳои гуногун – хулоса, ҷаннати рӯйи замин аст. Ғайр аз ҳамаи ин, ман барои шумо як думбаи бутунро тайёр карда мондаам, ки хӯрда кайф мекунед.

– Дурӯг мегӯйӣ, рӯбоҳи маккор! – гуфт гург. – Ту ҳамаро фиреб диҳӣ ҳам, маро фиреб дода наметавонӣ!

Рӯбоҳ қоҳ-қоҳ хандида, гуфт:

– Оҳ, чӣ қадар шумо бадгумон ҳастед! Бадгумонӣ одати зарарнок аст, беҳтараш ҳамроҳи ман биёеду думбаҷонро хӯрда ҳузур кунед.

Даҳони гург ҳам, аз шунидани номи думба об кушода, ҳамроҳи рӯбоҳ равон шуд. Рӯбоҳ пеш-пешу гург аз думболи ӯ ба боғ омаданд.

Боғи сабзу хуррамро дида, гург хурсанд шуд. Рӯбоҳ бошад, аз гург ҳам зиёдтар шодӣ карда, ба чор тараф ғелак мезад. Баъд рӯбоҳ гургро ба пеши думба оварда гуфт:

– Бубинед, ки ман дурӯғ гуфтаам ё рост. Ана думба, то ба дилатон задан хӯрдан гиред!

Гурги чашмгурусна бесаброна худро ба болои думба андохту ҳамон замон ду пойи пешаш ба қапқон банд шуда монд.

Вай ҳарчанд кард, халос шуда натавонист. Ноилоҷ ба рӯбоҳ рӯ оварда гуфт:

– Эй ҷӯра, пойи маро чизе дошта гирифт, ман чӣ хел халос шавам?

Рӯбоҳ гуфт:

– Ту паҳлавон ҳастӣ, қуввати зиёд дорӣ, як зур занӣ халос мешавӣ.

Гург бо тамоми қувваташ худро ба қафо кашида буд, ки ҳарду пояш шикаста, беҳуш шуда афтод. Рӯбоҳ омада, бо кайфи тамом думбаро то сер шуданаш хӯрду ба ҳоли гурги нодон хандида баромада рафт.



# ДУ БУЗИЧА

Буд-набуд, ду бузича, ду бузичаи ширмасти шӯхаку ҷингилапо буд. Ду бузича дар ду канори ҷӯй шодӣ кардаю бозӣ карда, ҷарида мегаштанд. – Эй ҷӯра, ба ин тараф гузар; ҳамроҳ бозӣ куием! – гуфт як бузича.

– Не, ту худат ба ин тараф гузар! – гуфт бузичаи дигар.

– Хайр, ман ба пеши ту мегузарам, – гуфт бузичаи аввала.

– Не, ман ба пеши ту мегузарам! – гуфт бузичаи дуюм.

Ҳамин хел гуфта, ду бузича дар як вақт ба кӯпрук баромаданд. Дар худи миёнаҷойи кӯпрук сар ба сар шуданд. Кӯпрук борик буд. Онҳо аз паҳлуйи якдигар гузашта наметавонистанд.

– Ту ақиб гард, ман аввал мегузарам! – гуфт як бузича.

– Не ту ақиб гард, аввал, ман мегузарам? – гуфт бузичаи дигар.

Ҳеҷ кадомаш намехост ақиб равад.

– Ба гапи ман надаройӣ, рӯзатро нишон медиҳам! – гуфт як бузича.

– Канӣ зӯр бошӣ як нишон дода бин! – гуфт бузичаи дигар.

Бузичаҳо ҳар ду дар қаҳр шуда, ба ду пойи пушташон нимхез шуданду калла ба калла заданд. Калла ба калла заданду ҳар ду якбора ба ҷӯй галтида рафтанд.

Ҷӯй чуқур буду обаш тез. Оби тез ду бузичаи ширмасти шӯху ҷингилапоро гирифта бурд.



# Рӯбоҳи маккор ва гурги нодон

**(Афсона)**


| | |
|---|---|
| **Муҳаррир** | **С. Миракова** |
| **Муҳаррири техникӣ** | **Азизов Умар** |
| **Рассом** | **Зебо Давлатшоева** |
| **Тарроҳ** | **Самандар Яъқубов** |
| **Ҳуруфчин** | **Исломова Маҳина** |

**Ба матбаа 20.06.2013 супорида шуд. Ба чопаш 25.06.2013 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/16 Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 1. Адади нашр 2000 нусха.**

**Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг»-и Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.**



**734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17.**
**Тел: 233-93-97, тел/факс: 233-93-97.**
**E-mail: haitova@inbox.ru**



Китобхонаи давлатии бачагонаи
Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи
М. Миршакар


МАОРИФ ВА ФАРҲАНГ